# Тақриз
## ба автореферати диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

Актуалӣ будани мавзуи таҳқиқот бо он далел асоснок карда мешавад, ки тоҷикон ҳақиқатан мардуми фарҳангсоз, тамаддунофар мебошанд. Дар марҳилаҳои гуногуни мавҷудияти худ ҳазорсолаҳо ҷабру ситами аҷнабиёнро бо сабру таҳаммул паси сар карданд, вале рисолати созандагии худро аз даст надоданд ва осори зиёди фалсафӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба мерос мондаанд, ки онҳо нақши меҳвариро дар ташаккул ва таҳаввули тамаддуни ҷаҳонӣ гузоштанд ва имрӯз мегузоранд. Аз сабаби он, ки эҳёи тафаккури миллӣ, эҳёи фарҳангу тамаддуни ориёӣ ва дар заминаи он рушд ва такомул додани фарҳангу тамаддуни муосири миллат воситаи муҳимму муассири худогоҳӣ, ҳуввияти миллӣ ва ташаккули рушди ҷаҳонбинии нави миллӣ буда, халқу миллатро ба ваҳдату ягонагӣ ва шукуфоиву бунёдкорӣ мерасонад, бинобар ин кори таҳқиқотии Қ.С.Каримов “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён», ки аз мавзуҳои марказии ҳикмати ориёӣ буда, то ба имрӯз камомӯхта, таҳқиқнашуда мебошад, аз мавзуи мубрам ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, вобаста ба вазъи пуртаззоди ҷаҳонишавӣ, бархурди тамаддунҳо, рушди бемайлони технологияву воситаҳои қабул ва интиқоли иттилоъ ва омезиш ёфтани арзишҳои фарҳангӣ дар ҷомеаи муосир, хусусан, дар ҷомеаи Тоҷикистон, ки ба бегонашавии арзишҳои фарҳангӣ, коста гардидани ахлоқ, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, ки ба амнияту суботи ҷомеа халал ворид менамоянд ва ғайра овардааст, омӯзиш ва эҳёи арзишҳои ахлоқии давлатдории Сосониён талаботро бештар мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2015-2020 ва 2020-2025 алоқаманд мебошад.

Мақсади кори диссертатсионӣ омӯзиши ахлоқ ҳамчун шохаи фалсафаи амалӣ дар аҳди Сосониён ва нишон додани аҳамият ва арзиши он дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад. Вазифаҳое, ки дар заминаи мақсади гузошташуда пешниҳод карда шудаанд, аз мазмуни мақсад гирифта шудаанд. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори аввал дар шакли маҷмуӣ ва низомнокӣ этикаи аҳди Сосониён, аҳамият ва таъсири онро дар низоми давладории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳқиқ карда, онро дар шаш банд мушаххас мегардонад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро сарчашмаҳо, мероси хаттии бостонии мардуми тоҷику форс, осори таҳқиқотии олмони ватанию хориҷӣ ташкил дода, асоси методологии таҳқиқотро фаҳмиши

ратсионалии фалсафаи амалӣ, методҳои умумии маърифати илмӣ, таърихӣ, системавӣ, таҳлили муқоисавӣ бо истифода аз методи герменевтика дар бар мегиранд. Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот бо ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда, манбаъҳо ва маъхазҳои ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар диссертатсия мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ пешниҳод карда шудаанд.

Таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи тахассус - 09.00.03 - таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат мекунад. Аз рӯйи натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ муаллиф се мақолаи илмӣ таҳия карда, дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои илмӣ диссертатсия аз камбудиҳо орӣ нест. Аз ҷумла, ба андешаи мо дар як зербоби алоҳида таҳқиқ ва таҳлил намудани хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар муаррифӣ ва шинохти фарҳанги ориёӣ, аз зумра таълимоти зардуштия арзиши таҳқиқотро боз ҳам баланд мебардошт. Инчунин, дар матни автореферат хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ мавчуд мебошанд.

Камбудиҳои ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, дар корҳои илмии минбаъдаи диссертант ба этибор гирифтани он ба манфиат мебошад. Интишороти аз рӯйи мавзуи диссертатсия таҳия ва нашркардаи диссертант мазмун ва моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи кори таҳқиқотӣ Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, арзанда аст.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои фалсафа, и.в., профессори
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Карамхудоев Ш. Х.

Имзои Карамхудоев Ш.Х.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

29. 03. 2024